## *Диккат*

Ҳар гуна фаъолияти одам бояд ҷиддӣ ва ба чизе нигаронида шуда бошад. Бача бозӣ мекунад ё мехонад, олим фикр мекунад, коргар меҳнат мекунад – мо мебинем, ки диққат шарти ҳатмии ҳар гуна фаъолият мебошад. Диққат инчунин шарти муҳимтарини ҷоришавии ҳамаи протсесҳои психикӣ мебошад. «…диққат ин дарест, ки ба воситаи он аз олами беруна ба рӯҳи инсон ҳама чизҳо дохил мешаванд» навишта буд, педагоги машҳури рус К. Д. Ушинский.

Тавассути диққат инсон хусусиятҳои алоҳида (эҳсос) ва яклухти (идрок) ашёҳои олами берунаро дониста мегирад, ба хотир гирифта, онҳоро дар хотир нигоҳ медорад. Хусусияти ашёҳоро дар шуур муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбаст намуда, хулосаҳои муайян мебарорад ва минбаъд чизҳои навро эҷод мекунад.

Механизми таъсири байниҳамдигарии протсесси асосии асабӣ – боздорӣ ва ҳаяҷони дар пӯстлохи майнаи сар ба вуҷудоянда асоси физиологии диққат мебошад. Ҳангоми бодиққат будани одам предмете аз маҷмӯи ашёҳои ӯро иҳотакарда ба минтақаи идроки равшан афтида, объектҳои дигар аз ин минтақа берун мемонанд ва манбаи умумии идрокро ташкил медиҳанд. Аз нуқтаи назари физиологӣ ин чунин маъно дорад, ки баъзе марказҳои асаб ба ҳаяҷон омада, дигарашон ба боздорӣ гирифтор мешаванд. Дар ин ҳолат қонуни ошкор кардаи И. П. Павлов индуксияи протсессҳои асаб амал мекунад, ки мувофиқи он протсесси ҳаяҷони дар баъзе қитъаҳои пӯстлохи майнаи сар бавуҷудомада дар дигар қитъаҳои майнаи сар протсесси боздориро ба вуҷуд меоварад.

Диққат аксар вакт ҳамчун фаъолияти тахминӣ-тадқиқотӣ баромад намуда, масъалаи «чӣ бошад?»-ро ҳал мекунад. Дар натиҷа одам фаъолияти психикиашро ба тарафи таъсиркунанда нигаронида, дар бораи ҳамон ашё ва ё ҳодиса маълумот пайдо мекунад. Мисол, шумо дар боғ роҳ меравед. Вақти шом. Чизе ба замин афтид. Шумо инро аз дигар ҳодисаҳо ҷудо кардед ва масъалаи «ин чист?»-ро ҳал мекунед. (Павлов инро *рефлекси тахминкунӣ* номида буд, ки он ба чизи наву номаълум нигаронида мешавад).

Пайдошавӣ ва ҷоришавии диққат ба фаъолиятҳои системаи сигналии якум – эҳсосу идрок ва системаи сигналии дуюм – калима алоқаманд аст.

Хамин тавр, ба ягон объекти дорои ахамият нигаронидан ва мутамарказонидани фаъолити психики, ки дар натича объект аз худ карда мешавад, диккат меноманд.

Диккатро аз руи намуд ба диккати ихтиёри, гайриихтиёри, баъдиихтиёри , зохири ва ботини чудо мекунанд.

Хусусиятхои диккат аз инхо иборат аст: устувори, хачм,таксимот,кучонидан мутамарказият ва парешондиккати.

Диккати кудакони сини барвакти бачаги гайриихтиёри буда, ба ашёхои serрангу харакаткунанда фаъолияти психикиашонро бештар равона мекунанд.

Диккати онхо ба ашё ва ходисахо аз 8 дакика зиёд набуда, мутамарказонида намешавд. Хусусияти диккати онхо чуни наст, ки танхо як ашёро дарк мекунанд, дар як вакт ба ду ашё диккат дода наметавонанд. Диккат дар дохили фаъолияти ашёги устувор ва мустахкам мешава. Дар онхо диккати ихтиёри пайдо мешавад. Онхо ашёи дарк кардаашонро муддати дурру дароз ё кутох ба хотир гирифта дар хотир нигох медоранд ва хангоми зарури аз нав ба хотир меоранд.

***Хотир***

Хотир чун протсеси психики дар асоси идрок а вучуд меояд, яъне идрок ва амалиёт бо ашёхои атроф хотири кудакро инкишоф медихад. Дар аввал дар давраи тифли хотири кудак бо хусусиятхои харакати, эмотсионали алокаманд аст, хотири онхо кутохмуддат аст. Кудак ба осони аз як ашё ба дигар ашё диккаташро равона карда онро ба хотир намегирад. Мисол: кудак датонашро ба чойники гарм дароз мекунад дар ин вакт модар ба дасти кудак кошукро медихад. Кудак диккаташро ба кошук мегузаронад. Бо мурури замон хотири кудак аз идрок чудо мешавад. Хотир шакли механики, образи, гайриихтиёриро пайдо мекунад. Ин протсес дар давраи барвакти бачаги бо суръати тез инкишоф меёбад. Он амалиётхое, кибо ашё мегузаронанд тачрибаи кудакро зиёд мекунад ва он дар хотир нигох дошта мешавад. Кудак ашё ва ходисахоро гайри ихтиёр, бемаксади муайян ба хотир мегирад. Аз ин сабаб амалиётхоро ба хотир намегирад. Аз нав ба хотир оварда наметавонад. Шеъру хикояхоро азёдкарда накл кунад хам ба мазмуни он сарфахм намеравад. хотири образии онхо дар натичаи бо ашё амал кардан ба вучуд меояд. Ашёхои дидаю шунидаашро ба хотир гирифта дар хотир нигох медорад. Мисол: либоси лухтакро мебинад ва ба чустучуи худи лухтак шуруъ мекунад. Либос образи лухтакро ба хотир овард. Дар охири давраи барвакти бачаги хотир мустахкам мешавад бо ёрии он амалхои зиёдро ичро мекунанд. Мисол: амалхои худхизматрасони, шустушуй, бастани банди пойафзол, паридан, чахидан, партофтани туб ва г.

Ин намуди хотир мустахкам ва бомаксад мегардад. Онхо дар протсеси инкишофи хотир бо хусусиятхои ашё шинос шуда, ба хам монанд ва фарк мекунанд. Дар рафти инкишофи нутк хотири калимаги инкишоф меёбад аз 1,5 солаги узвхои аъзои бадан, баъзе амалиётхо ва г-ро номбар

мекунанд. Хотир бо тафаккур зич алокаманд аст. Аз сабабе ки кисми зиёди майнаи сари кудак холо тоза аст хар як ахборотро тез кабул мекунад . Дар ин давра дар кудакон як намуди хотир- хотири эйдики, феноминали(фотографическая память) мушохида карда мешавад.

Протсеси бахотир гирифтан, дар хотир нигох доштан, аз нав ба хотир овардан ва шинохтани он чизе, ки одам пештар идрок кардааст, ба он таъсир расонида буд ваё он амалеро ичро карда буд, хотир номида мешавад.

Хотир аз руи хусусиятхо харакати, эмотсионали, механики, образи, гайрииихтиёри мешавад.